# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон оид ба рисолаи номзадии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи «Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст

1. Аҳамияти таҳқиқоти мазкур аз он иборат аст, ки истифодаи усулҳои муосири инкишофи нутқи кӯдакони синни томактабӣ, таълифоти онҳо оид ба ташаккули нутқи гуфтугӯии кӯдакони синни калони томактабӣ дар давраи гузариш ба зинаи таҳсилоти ибтидоиро пешниҳод менамояд. Самаранокии таҳқиқоти мазкур дар татбиқи барномаи мукаммали ташаккули омодагии нутқии кӯдакон ба таҳсил бо истифода аз технологияҳои педагогӣ дар ҳамгироӣ бо шинос намудани кӯдакон бо муҳити атроф, ҷойҳои таърихии кишвар ва дар ин радиф инкишоф додани нутқи гуфтугӯии кӯдаконро ба роҳ монда, инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакро таъмин менамояд.

Арзиши амалии тақиқот дар истифодаи роҳу усулҳои босамар дар инкишофи шахсияти кӯдак, дар бораи алоқамандии забон ва тафаккур, конуниятҳои ташаккули маҳорати нутқи модарии кӯдакони синни калони томактабӣ ва хурди мактабӣ ифода ёфтааст.

Диссертатсия мутобиқи талаботи Низомнома дар бораи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ба анҷом расонида шудааст.

Кор диссертатсионӣ дар шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи шуъбаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 15.09.2023, №09).

Дар хулосаи шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 60 Тартиби додани унвонҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар кори диссертатсионӣ усулҳои омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ истифода шуда, технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ барои рушди низоми таҳсилоти ватанӣ ба миён гузошта шудааст. Инчунин, алоқаи байни мақсад, вазифаҳо, мазмун, шаклҳои ташкили таълим аз як тараф ва усулҳои таълим аз тарафи дигар муайян карда шудаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар ворид намудани технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими томактабӣ ва ибтидоӣ, зарурати баланд бардоштани маърифати иттилоотии омӯзгор, ҷорӣ намудани усулҳои нави таълим дар самтҳои назорати дониш, семинарҳои лабораторӣ, аёният дар машғулият, худомӯзӣ, барои инкишофи нутқи пурмазмун ва мураттаби кӯдакон дар зинаи гузариш ба таҳсилоти ибтидоӣ мусоидат кунад.

3. Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи «Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз ҷумла ба банди 1 - «Методологияи таҳқиқоти педагогӣ» (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқоти педагогӣ), банди 6 - «Консепсияи таҳсилот» (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он, равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот), банди 7 - «Педагогикаи амалӣ» (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ, хулосаҳо ва муқаррароти диссертатсия дар 9 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4-тоаш дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия нашр шудаанд. Шумораи маводи нашршуда дар нашрияҳои тавсияшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст.

5. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

6. Диссертатсия ба талаботи банди 53 Низомнома дар бораи Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ аст. Он аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, натиҷаҳои нави илмӣ, нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо дарбар мегирад ва аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар илм шаҳодат медиҳад.

7. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиониро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Раҳилаи Нураҳмадзода тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи номзадии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи «Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба

таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ» номзадии Раҳилаи Нураҳмадзода дар мавзуи «Ташаккули омодагии нутқии кӯдакони синни калони томактабӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ» барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати муассисаи пешбар:

- **МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».**

в) ба ҳайси муқарризони расмӣ:

- **Иззатова Муҳаббат Иноятовна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

- **Ғаниева Бунафша Ҷумабоевна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психология ва сотсиологияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин карда шаванд.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ, профессор — Иззатова М.И.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Обидова М.И.

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Котибова Ш.П.

29.11.2023

Имзои Иззатова М.И., Обидова М.И., Котибова Ш.П.-ро тасдиқ мекунам.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва коргузории
Пажӯҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон — Ҳакимова Х.С.